Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллииТоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7 аудиторияи 102).

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Тураева Муқаддам Турабойевна дар мавзӯи: «Таҳлили иқтисодӣ - омории самаранокии энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор

Дар шароити муосири иҷтимои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши самаранок истифодабарии захираҳои энергетикӣ мавзуи актуалӣ ва рӯзмарра ба ҳисоб меравад, зеро энергия барои равнақ ва рушди иқтисодиёти тамоми давлатҳо манбаи муҳим ва зарурӣ ба шумор меравад. Ҳамзамон дар ин самт диверсификатсияи манбаъҳои тавлидкунандаи неруи барқ дар асоси бунёди неругоҳҳои хурду миёна барои минтақаҳои мухталифи кишвар, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳои кам кардани талафоти неруи барқ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидорҳои мавҷудаи энергетикӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Унвончӯ дар автореферат қайд намудааст, ки ба нишондиҳандаҳои асосии муайян намудани самаранокии энергетикӣ, пеш аз ҳама нишондиҳандаҳои умумӣ, инчунин самаранокии энергетикии он дохил мешаванд ва дар натиҷа нишондиҳандаҳои асосиро дар шакли нақша-расм нишон дода аст (саҳ. 10).

Ҳамзамон муаллифи автореферат бо истифодаи аз функсияҳои оморӣ алоқамандии истеҳсоли неруи баркро аз шумораи истгоҳҳои баркӣ тавассути функсияи логарифмӣ дида баромадааст. Исбот намудааст, ки 85,6% тағйир ёфтани ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ ба тағйирёбии шумораи истгоҳҳои баркӣ ва боқимонда 14,4% аз таъсири дигар омилҳо вобаста аст. Истифодаи ин функсия аз он далолат медиҳад, ки байни ин ду нишондиҳанда алоқамандӣ ё вобастагии хеле назаррас ҷой дошта, истеҳсоли неруи барқ комилан ба теъдоди истгоҳҳои баркӣ вобаста буда, онҳо якдигарро пурра мегардонан (саҳ. 12).

Унвонӯ рушди соҳаи энергетикаро дар пешрафти иқтисодиёти миллӣ нақши муҳим меҳисобад ва аз ин нуқтаи назар ӯ таҳқиқи омории динамикаи истеҳсоли неруи баркро зарур мешуморад. Ҳамзамон вобаста ба ин аз усулҳои мухталифи оморӣ ба монанди экстраполятсия, тамоюли хаттӣ, функсияи афзоишӣ ва хаттӣ истифода бурда, истеҳсоли неруи баркро пешгӯйӣ намудааст (саҳ. 19).

Қайд кардан ба маврид аст, ки мавзуи автореферати Тураева Муқаддам Турабойевна таҳлили амиқи илмӣ ва омӯзиши усулҳои муосири татбиқро ба худ талаб менамояд.

Аз ин нуқтаи назар дар автореферат масъалаи самаранокии энергетикӣ мавриди таҳқиқи оморӣ қарор гирифтааст, ки мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро баён менамояд.

Дар баробари бартариятҳо автореферати диссертатсия, инчунин камбудию норасогӣ низ дида мешавад.

1. Дар автореферати диссертатсия бояд нишондиҳандаҳои самаранокии энергетикиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф инъикос менамуд;

2. Муаллиф зарурати таҳия ва коркарди омории тавозуни сӯзишворию энергетикиро дар автореферат пурра асонок нанамудааст.

Зикр намудан ба маврид аст, ки эродҳои нишондодашуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионии муаллифро коҳиш намедиҳад ва ба инобат гирифтани онҳо арзишмандии рисоларо боз ҳам бештар менамуд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсия дар мавзуи **«Таҳлили иқтисодӣ-омории самаранокии энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор (илмҳои иқтисодӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботҳои бандҳои 31, 32, 33 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Тураева Муқаддам Турабойевна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор (илмҳои иқтисодӣ) мебошад.

Мукарриз
н.и.и, и.в., дотсент,
мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ
ва аудити Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Куганов Н.К.**

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Амиров Ф.А.**

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (992) 918704837, E-mail: kuganov69@mail.ru